**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 155/2с

аз «14» 10 соли 2024

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ» аз 31 марти соли 2017, №23 ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 2, 6, 8, 9, 17 ва 18 лоиҳаи болозикр ӯҳдадорӣ барои шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ намебошанд) пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, тартиби гирифтан, азнавбарасмиятдарорӣ ва додани нусха (дубликат)-и иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ содда ва шаффоф мегардад.

Муовини якуми
Директор

Соҳибзода М.М.